**ТАҚРИЗИ**
**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи дисертатсионии Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 - Сабзавотпарварӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Масъалаи истифодабарии нуриҳои минералӣ дар парвариши навҳои тезпази пиёзи беҳӣ, дар хокҳои хокистарранги равшани водии Вахши вилояти Хатлон, ки табиатан ҳосилхезии табии паст дорад, илман асоснок нашудааст. Пиёзи беҳӣ ҳамчун зироати ба мавҷудияти миқдори зарурии моддаҳои ғизоии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ эҳтиёҷоти ниҳоят калон дорад.Талаботи растании пиёзи бехиро ба моддаи ғизоӣ дар чунин хокҳо, фақат бо роҳи истифодабарии нуриҳои минералӣ таъмин кардан мумкин аст.

Барои омухтани самаранокии ҳамаҷонибаи нуриҳои минералӣ дар парвариши ҳосили барвақтии навьҳои тезпази ”Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис,”дар шаш вариант, аз он ҷумла як вариант бе истифодаи нурӣ- назоратӣ, дар шароити саҳрои таҷрибаҳои илмӣ ва озмоишиҳои лабараториро унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) Рахимов Ш.Д. равона гардидааст.

Раҳимов Шодмон Давлатович соли 2010 ба факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзӣ дар ихтисоси меваю сабзавот ва ангурпарварӣ дохил шуда, онро соли 2013 бо ихтисоси олим агроном хатм намуд.

Раҳимов Шодмон Давлатович соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ дохил шуда, онро соли 2021 хатм намудааст. Аз соли 2021 то инҷониб дар вазифаи ходими калони илмии Иститути боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ кор ва фаъолият дорад.

Унвонҷӯ Рахимов Ш.Д., ҷанговари интернатсионалист, маюби гуруҳи дуюм мебошад. Кори диссертатсионии Рахимов Ш.Д. дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш,” аз 5 боб, 23 параграф, хулоса, тавсияҳо барои истеҳсолот, руйхати адабиётҳои истифодашуда 157, аз ҷумла 6 номгӯйи адабиётҳои хориҷӣ, дар маҷмуь 146 саҳифаи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддима ҳолати соҳаҳои сабзавотпарварӣ, аз он ҷумла парвариши ҳосили пиёзи беҳӣ дар ҷумҳурӣ ва мамлакатҳои тараққикардаи дунё шаҳр дода шудааст.

Дар он мубрамияти корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар бар гирифта, самаранокии истифодаи нурии минералиро дар парвариши ҳосили пиёзи бехии барвақтиро дар назар доштааст, ки чунин таҳқиқот дар водии Вахши вилояти Хатлон бори аввал гузаронида шуда, натиҷаҳои назаррасн ҳосилнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии нуриҳои минералиро ифода мекунад.

Дар боби якум таҳлили адабиётҳо оид ба хусусиятҳои биологии пиёзи бехӣ, аз омузишу таҳлилҳои 157 номгуйи адабиётҳои ватанию хориҷии дуру наздик, аз он ҷумла 6 номгӯйи адабиётҳои хориҷии дурро дар бар мегирад.

Таҳлили адабиётҳои мавҷуда аз мансубияти зироати пиёз ба оилаи пиёзиҳо (Allium сера L ) буданаш ва таьрихи тулонии зироатчигӣ доштаашро тасдиқ мекунад. Дар зербобҳои 1.2 ва1.3 таьсири омилҳои технологияи парвариш, аз он ҷумла, нурии минералӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати ҳосил таҳлил шудааст. Боби мазкур бо хулосаҳо ҷамбаст шуда, зироати кишоварзии сабзавотии маъмул чун маводи истеъмолӣ ба ҳисоб рафта, майдони парваришаш солҳои охир дар ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёд ва истеҳсолаш чандин карат афзун шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия маълумот оид ба шароити табии, усул ва объекти тадқиқот ва зербоби 2.1 шароити ҷуғрофӣ ва иқлимӣ дарҷ гардидааст.

Аз ҷиҳати ҷугрофӣ, минтақа дар шароити хуб ҷойгир буда, барои муомилоти иқтисодӣ дар истеҳсоли ҳосили пиёзи бехии барвактӣ афзалияти калон дорад.

Дар зербоби 2.2 Хусусиятҳои агрохимиявии хоки ноҳияи Ҷайҳун дарҷ гардидааст.Аз ҷиҳати ҳосилхезӣ хоки ноҳияи Ҷайҳун ба гуруҳи хокҳои дар ҷинси модарии лёссӣ ташаккул ёфта, қобилияти ҳосилхезии табииаш хеле паст мебошад. Дар он захираи моддаҳои ғизоӣ ва гумуснокиаш ба талаботи растании зироати пиёзи бехӣ ҷавобгу нест. Заминҳои ноҳия кухна-обёришаванда буда, солҳои пешин асосан пахта парвариш карда мешуд ва чун яккazироат ҳолати хуби рельефи замин дошта,барои парвариши ҳама гуна зироатҳои кишоварзӣ ҷавобгӯ мебошад. Барои ноил гаштан ба ҳосилнокии баланди зироатҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла пиёзи бехӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ зарур ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати таьмин намудани талаботи растании пиёз бо моддаҳои ғизоӣ, ноил гаштан ба нишондиҳандаҳои баланди ҳосилнокии зироат асоси зарури дорад.

Дар зербоби 2.3 Усулҳои (методҳои ) гузаронидани тадқиқотҳои саҳроӣ ва озмоишӣ мувофиқи методикаҳои баҳодиҳии давраҳои нашъу нумӯи растаниҳои сабзавотӣ, нишондиҳандаҳои биометрӣ, ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот, ки дар соҳаи сабзавотпарварӣ қабул буда оварда шудааст.

Дар зербоби 2.4 оид ба агротехникаи парвариши навьҳои пиёзи бехӣ ва ноил гаштан ба ҳосилнокии дилхоҳи навьҳои омухташуда, бояд агротехникаи навини қабулшудаи парвариши ин зироатро таъмин кард. Ба ғайр аз истифодаи нуриҳои минералӣ дигар ҳамаи маҷмӯи омилҳои агротехникӣ, аз тариқи шудгори хок, меьёр ва чуқурии кишти тухмӣ, обёрӣ, мубориза бар зидди алафҳои бегона ва касалию ҳашаротҳо, ҳосилғундорӣ дар ҳамаи навъҳои омухташуда дар вариантҳои таҷрибавӣ якхела буданд.

Зербоби 2.5. Обьекти тадқиқот. Дар таҷрибаҳои саҳроӣ навьҳои пиёзи тезпази “Пешпазак”(маҳсули меҳнати олимони Тоҷикистон) ва “Алдоба”-ю “Тунис”-и селексияи Голандия парвариш карда шуданд. Навьҳои омухташуда фақат барои кишти тирамоҳӣ пешбинӣ шуда ва дар ҳолати таьмини агротехникаи лозимии парвариш ҳосилнокии баландро дар шароити ноҳияи Ҷайҳун таьмин менамояд. Давраи пухтарасии ҳосили бехпиёз ба охири моҳи апрел рост меояд. Ҳосили пухтарасидаи пиёзи бехии навьҳои омухташуда қобилияти нигоҳдории 2-3 моҳа доранд ва баъдан пажмурда мешавад.

Ҳамин тариқ шароити хоку иқлими минтақаи гузаронидани тадқиқот барои парвариши ҳосили барвақтии пиёзи бехӣ, назар ба дигар минтақаҳои водигии ҷумҳурӣ ниҳоят муфид арзёби шуда, ҳосилаш аз ҷиҳати давраи пухтарасӣ ва сифатнокиаш нисбати дигар минтақаҳо фарқият дорад.

Дар боби сеюм натиҷаҳои тадқиқот аз 9 зербоб иборат буда, зербоби 3.1 тағйирёбии речаи ғизоии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгиро дар хок, зери таъсири истифодаи гуногуни меъёри ин нуриҳоро нисбат ба миқдори онҳо пеш аз истифодаи онҳоро дар қабати 0-30 сантиметраи хок, инчунин тағйиротҳоро бо назардошти паҳншавии решаи растании пиёз дар қабати тахминан 0-30 сатиметра, дар давраҳои гуногуни нашунамои зироат муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои тадқиқот дар 2 ҷадвал таҷассум ёфтаанд ва вобастагии миқдори моддаҳои ғизоӣ аз меъёри истифодашудаи нуриҳоро нишон додааст, ки он дар давраи пухтарасии ҳосил дар ҳамаи вариантҳо назар ба давраи пеш аз кишт коҳиш ёфтааст.

Зербанди 3.2. Ба омузиши давраҳои нашъунамои растании пиёзи бехии навъҳои омухташуда вобаста ба истифодаи меъёри нуриҳои нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ равона шудааст. Нишондиҳандаҳои сабзиши тухмӣ, ташаккулёбии саросари бехпиёз ва пухтарасии ҳосили онҳо вобаста ба вариантҳои омӯзиши дар ҷадвали алоҳида гирд омадааст. Унвонҷӯ Рахимов Ш.Д. натиҷаи таъсири нуриҳои истифодашударо ҳаматарафа омухта хулосабарорӣ мекунад.Дар ин зербоб барои асоснок кардани давраи нисбатан тезтар пухтани ҳосили бехпиёзи навҳои омухташударо дар ноҳияи Ҷайҳун

назар ба водии Ҳисор ва вилояти Суғд маънидод кардааст ва онҳо дар 2 ҷадвал дарҷ ёфтанд.

Зербоби 3.3. Нишондиҳандаҳои фенологӣ ва биометрии растаниҳои бехпиёзи навъҳои омухташударо вобаста ба истифодаи нуриҳои минералӣ дар бар мегирад. Мушоҳидаҳои биометрии растании навъҳои омухташудаи бехпиёз бо сабаби мавҷудияти фарқи нишондиҳандаҳо, барои ҳар як навъ дар алоҳидагӣ дар ҷадвалҳо инъикос ёфтаанд.

Натиҷаи омӯзиши давраҳои нашъунамо ва нишондиҳандаҳои биометрӣ, нисбатан калонҳачм будан ва давраи пухтарасии дертари онҳоро дар навъи ”Пешпазак,” нисбати навъҳои”Алдоба”ва “Тунис” муқаррар карда шуд.

Дар зербоби 3.5 оид ба нишондиҳандаи сифати ҳосили бехпиёз, ки ин миқдори нитратҳо дар таркиби он мебошад дарҷ гардидааст. Зироати пиёз,ки ба мавҷудияти миқдори зарурии моддаҳои ғизоӣ дар хок ниёз дорад, аз аввали давраи нашунамо то пухтарасии ҳосил онҳоро аз худ мекунад. Миқдори баландтари нитрат дар таркиби пиёз ба давраи саросар ҳосилбандӣ рост меояд ва ин нишондиҳанда бо сабаби ба сафедаҳо мубадалшавии он дар давраи пухтарасии ҳосил паст шуда, назар ба консентратсияи ниҳоии нитратҳо дар пиёз (80мг/кг маҳсулот) хеле паст мегрдад, ки дар он нақши фосфор ва калий айён гаштааст.

Зербоби 3.6. Бо назардошти этиёҷоти калон доштани зироати растании пиёзи бехӣ ба мавҷудияти моддаҳои ғизоӣ дар хок, таъсири нуриҳои истифодашуда ба нашъунамо ва ҳосилбандии зироат мерасонад.

Ҳамин тариқ, миқдори барориши моддаҳои ғизоӣ бо ҳосили биологӣ на фақат аз меъёри истифодаи нуриҳои минералӣ, инчунин аз баландшавии ҳосилнокии навъҳои омухташуда вобастагии зич дорад. Дар натиҷа, аз меъёри истифодаи нурии минералӣ, ҳосилнокии пиёзи бехӣ мутаносибан дар навъҳои омухташудаи пиёз зиёд шуда, миқдори барориши моддаҳои ғизоӣ бо ҳосили биологӣ низ меафзояд.

Ҳадафи асосии тадқиқоти унвонҷӯ омухтани самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар парвариши ҳосили барвақтии навъҳои тезпази “Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис”, дар хокҳои хокистаранги равшани водии Вахши вилояти Хатлонро дар бар мегирад.

Потенсиали ҳосилноки навҳои омухташуда хеле баланд буда, дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон, назар ба водии Ҳисор ва вилояти Суғд ҳосили онҳо 15-20 рӯз пештар пухта мерасад.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои бисёрсола, самаранокии баланди истифодаи меъёр ва таносуби нуриҳои минералӣ, дар якҷоягии истифодаи 180-240кг/га моддаи таъсиркунандаи нитроген; 90-120кг/га фосфор ва 60-90кг/га калий,

дар навъи “Пешпазак” 52-56,6 т/га ; “Алдоба”-46,6-50,5 т/га ва “Тунис” 47,2-54,5 т/га ба даст овардани ҳосили пиёзи бехӣ мусоидат намуд. Баландшавии ҳосилнокӣ аз ҳисоби боло рафтани вазни миёнаи бехпиёз таъмин гашт. Ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии навъҳои омухташуда дар ҷадваҳои 21-24 дарҷ гардидаанд ва асоснокии фарқияти ҳосилнокиро тасдиқ мекунад.

Зербоби 3.7 Нишондиҳандаҳои асосии сифати ҳосили пиёзи бехӣ, ин тартиби биохимиявии он мебошад. Зери таъсири нуриҳои минералӣ, фоизи моддаи хушк бо сабаби зиёдшавии об дар таркиби пиёзи бехӣ коҳиш меёбад. Чунин ҳолат дар қанднокӣ ва миқдори витамин “С” низ ба назар мерасад.

Зербанди 3.8. Яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ин сифати молии ҳосил, вазни миёнаи пиёзи бехӣ ва баромади ҳосилии молӣ ба ҳисоб меравад. Вазни миёнаи пиёзи бехии навъи”Пешпазак” дар варианти бе нурӣ 42,4 грамм бошад, ин нишондиҳанда дар вариантҳои хубтарин 1,7-1,9 баробар дар навъи Алдоба” 2,4-2,6 баробар ва навъи”Тунис” 2,0-2,4 баробар нисбат ба варианти бе нурӣ зиёд шудааст. Баромади қисми молии ҳосил( зиёда аз 30 грамм) дар ҳамаи вариантҳои истифодаи нуриҳои минералӣ дар навҳои омухташуда, ба баланшавии ин нишондиҳанда оварда расонд, қисми ғайримолӣ нархи фурушаш паст буда, дар зиёдшавии баромади ҳосили молии вариантҳо дар истеҳсолот нақши муҳим мебозид.

Дар боби чорум оид ба нишондиҳандаи самаранокии иқтисодӣ, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ нақши ҳалкунандаро мебозад дарҷ гардидааст. Зироати пиёзи бехӣ, ки хусусиятҳои хоси биологӣ дорад, дар шароити Тоҷикистон дар давраи кишти тирамоҳӣ бо фарорасии пухта расидани ҳосил дар охири моҳи апрел, май-июн ва кишти аввали баҳорӣ бо давраи пухтани ҳосил дар моҳи август-сентябр фарқият дорад. Дар заминҳои водигӣ ҳосили барвақтии пиёзи кишти тирамоҳӣ, дар давраи норасоии ин маҳсулот барои аҳолӣ ва содироташ пухта мерасад. Нархи баланди фуруши яклухтро дар ин давра дошта, онро барои истеъмол дар дохили ҷумҳурӣ ва ба содирот равон кардан хеле афзалиякнок ба ҳисоб меравад. Хусусияти хоси дигари парвариши ҳосили барвақтӣ шароит барои парвариши ҳосили дуюму сеюм дар як заминро дар як сол пайдо мекунад.

Дар таҷрибаҳои саҳроии унвонҷӯ дар вариантҳои хубтарини истифодаи нурӣ дар навъи “Пешпазак” ба ивази 1кг маҷмуи моддаҳои ғизоӣ аз 57,2 то 66,2кг ҳосили иловагиро таъмин мекунад. Дар навъҳои “Алдоба” ва “ Тунис” бошад мутаносибан 68,4 то 74,2 ва 62,6 то72,3 килограмм ҳосили иловагӣ ташакул меёбад.

Дар боби панҷуми диссертатсия корҳои илмӣ таҳқиқотии гузаронидашуда пурра баррасӣ гардидааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии тадқиқотҳои илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. натиҷаҳои бисёрсолаи худро дар 16 мақолаи илмӣ аз он ҷумла 5-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба таб расонида ва дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод кардааст.

Хулоса: Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш" ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби ба расмият дарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори раёсати Комиссияи Олии атестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.09 - Сабзавотпарварӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ, Сарходими
илмии Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавоткории АИКТ Ахмедов Т.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Ҳувайдуллоев 272/3,
ҳуҷраи 9. Телефон (992) 93-033-01-49; 907-75-11-71

Имзои Ахмедов Т.А-ро тасдиқ мекунам.
Сармутахасис доир ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ. Музафарова М.Н.

Суроға 744025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кучаи Рудакӣ 21[а]
E- mail: bogparvar@mail.ru
05.08.2025